**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-062 дар пойгоҳи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30)**

## ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шӯъбаи кортҳои бонкии ҶСК «Ориёнбонк» ба диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи: «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимой-иқтисодӣ.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.**

Аз нуқтаи назари илмӣ-техникӣ гузаштани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳи инноватсионӣ вазифаи муҳимтаринест, ки дар назди роҳбарияти мамлакат истодааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «... мо рушди минбаъдаи устувори кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ намуда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва имконот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимой-иқтисодӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем ва аллакай чораҳои алоҳидаи пешгирии осебпазирии иқтисодиёти миллиро дар дарозмуддат амалӣ карда истодаем».

Муҳимияти рисола аз он иборат аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи эҷоди ҷузъҳои инноватсионӣ барои истифода дар амал қарор дорад. Маҳз иқтидори илмию техникӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосиест, ки вазъияти имрӯзаи давлат ва стратегияи рушди иқтисодиёти онро инъикос мекунад. Бинобар ин, дар шароити гузариш ба тартиби нави технологӣ таҳқиқ намудани иқтидори илмию техникии давлат хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи асосҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, ки ба ҷорӣ намудани навоварӣ дар истеҳсолот мусоидат мекунанд, шарти зарурии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Ҳамаи ин ба таҳияи асосҳои назариявию амалии такмили муносибатҳои иқтисодӣ дар раванди рушди инноватсионии иктисодиёт мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, проблемаҳое, ки дар диссертатсия баррасӣ мешаванд, муҳиммияти мавзӯи интихобшударо тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илм.**

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: 2.1. Рушди нуқтаҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмили шаклҳо ва методҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар системаҳои иқтисодӣ; 2.6. Коркарди методҳо ва механизмҳои ҳамгироии илмии мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди методҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 2.15. Таҳқиқоти самтҳо ва воситаҳои рушди тарзи нави технологии системаҳои иқтисодӣ; 2.17. Инкишофи назария, методология ва методҳои маблағгузории венчурӣ барои навсозии илмӣ-техникӣ ва ташкилии системаҳои хоҷагидорӣ; 2.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва методҳои арзёбии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ; 2.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ба манфиатҳои рушди инноватсионӣ, мувофиқат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Бояд қайд намуд, ки навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи он дар минтақа мебошанд.

Муаллифи диссертатсия чунин навгониҳои илмиро пешниҳод намудааст:

- асоснок карда шудааст, ки иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмӯи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техники-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори илмӣ-техникӣ омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар вилояти Хатлон муайян гардидаанд;

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои навоварӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шудаанд;

- мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа ошкор карда шудаанд, ки асосан ба таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии илм, ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии маориф, илм бо истеҳсолот, ҷалб нагардидани нерӯи соҳибкорӣ ба рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва нокифоягии маълумоти оморӣ дар минтақа алоқаманд аст;

- роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби иловагии грантҳо барои пажӯҳишҳои илмӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи стратегияи роҳандозии асосҳои моддию техникӣ барои ин корҳо барои солҳои

2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули иттилооти муосир дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон ва дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия пешниҳод карда шуданд;

- самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ аниқ ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шуданд;

- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа тавассути таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, маркази инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.**

Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии рисола ба истифодаи корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, натиҷаҳои таҳлилҳои институтҳои байналхалқии молиявии бонуфуз, марказҳои таҳқиқотҳои ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории расмӣ, истифодаи усулҳои эътирофгашта, асос меёбад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи идоракунии

инноватсияҳо дар минтақа мусоидат мекунад. Хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои пешниҳодшуда дар қайдҳои илмии диссертант оид ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, ки аз тарафи институтҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон қабул карда шудааст, инъикос ёфтаанд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ метавонад барои ҳалли масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон истифода гардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти иноватсионӣ», «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

**Тавсифи зербобҳо ва бобҳои диссертатсия.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, мавзӯъ ва объекти таҳқиқотӣ ишора гардида, навигарии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал - «Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа» асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии минтақа ва хусусиятҳои таркибии он, усулҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа, таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта оид ба идоракунии иқтидори илмӣ - техникии инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюм - «Таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти имрӯзаи иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон» вазъи ҳозира ва тамоюлоти иқтидори мазкур дар минтақа дода шуда, иқтидори илмӣ-техникӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон мавриди баррасӣ таҳлил гардида, монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилоят ва омилҳои мусоидаткунанда ошкор карда шудаанд.

Дар боби сеюм - «Такмилдиҳии роҳҳои идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон» таъмини такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки иқтидори илмӣ-техникӣ ва таҳияи низоми идоракунии инноватсионӣ, роҳҳои такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон асоснок ва ва пешниҳод гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия таклифу пешниҳодҳои илман асоснок оид ба ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа оварда шуда, роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Муқаррароти муҳокимаи кор, эродҳо ва тавсияҳо.**

Дар қатори ҷиҳатҳои хуби назариявӣ ва амалӣ, диссертатсия баъзе кабудиҳо дорад, ки баррасӣ намудани онҳо ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф боманфият аст.

1. Дар параграфи якуми боби аввал ҷанбаҳои назариявӣ оид ба моҳияти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ таҳқиқ шуда, ақидаи олимон оварда шудаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф нуқтаи назари олимонро мантиқан пайдарҳам дар матн меовард.

2. Муаллифи рисола категорияҳои иқтисодии истилоҳи «иқтидор» ва истилоҳи «инноватсия»-ро (саҳ. 20) ба таври кофӣ таҳқиқ нанамуда, хулосаи нодурустро дар матн овардааст: «маънои истилоҳи «иқтидор»-ро бо истилоҳи «инноватсия» ба ҳисоб гирифта, метавон ба хулосае омад, ки иқтидори илмӣ-техникӣ ҳамчун «эҳтимоли иқтидор» фаҳмида мешавад».

3. Дар хулосаи зербоби 1.3.-и рисола (саҳ. 54) муаллиф тавсия медиҳад, ки «бояд як низоми нави андозбандиро ташаккул дод, то он сармоягузорӣ ва ба раванди навовариро ҳавасманд кунад», ҳолон ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири нав аз 01.01.2022с.) низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ мавриди амал татбиқ шуда истодааст.

4. Муаллиф дар раванди таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти имрӯзаи

иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ (боби дуюм) заминаи моддиву техникиро дар рисола ба таври кофӣ таҳқиқ нанамудааст. Хуб мешуд, ки заминаи моддиву техникӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирифт, чунончӣ аз вазъу ҳолати он самаранокӣ ва рақобатпазирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию-конструкторӣ вобастагӣ дорад.

5. Баъзе мулоҳизаҳои муаллиф баҳснокаанд, аз ҷумла, дар бораи он ки «нишондиҳандаҳои муҳимми иқтидори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ ин ҳимояи рисолаҳои илмӣ маҳсуб меёбад» (саҳ. 86).

6. Муаллиф дар раванди таҳлили вазъи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳон аз нишондиҳандаҳои оморие, ки ба давраҳои гуногун тааллуқ доранд, ки аксарияти аз онҳо кухна шудаанд, истифода намудааст (Ҷадвали 1.3.1., Ҷадвали 1.3.2., Ҷадвали 1.3.3., Ҷадвали 2.3.2., Ҷадвали 2.3.3., Ҷадвали 2.3.6., Ҷадвали 2.3.8., Ҷадвали 2.3.10., Ҷадвали 2.3.11.,). Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми таҳқиқ дар ҷадвалҳои овардашудаи рисола, на 3-5 сол, ҳадди ақал 10 солро мавриди таҳқиқ қарор медод, дар натиҷа афзалияти кор беҳтар ва хулосаи баровардашуда, аз ҷиҳати илм асоснок мешуд.

7. Дар қисмати хулоса далелу рақамҳо барои тақвияти фикр кам ба назар мерасанд. Хуб мешуд агар дар ин қисмат далелу рақамҳо бо тариқи конкретӣ оварда мешуд.

8. Дар рисола хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

Албатта, эродҳои дар боло зикр гардида бештар характери тавсиявӣ доранд ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ятимов Амирхон Ҷурахоновичро умуман зери шубҳа намегузоранд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

Диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзӯи: «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)» як пажӯҳиши мустақили илмӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Саҳми шахсии муаллифро теъдоди кофии нашрияҳо оид ба проблемаҳои таҳқиқот ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун тасдиқ мекунанд. Рисолаи пешниҳодшуда ба талаботи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ аст ва муаллифи он Ятимов Амирхон Ҷурахонович сазовори унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**сардори шӯъбаи кортҳои бонкии**
**ҶСК «Ориёнбонк»** **Мирзорахимов Н.Т.**

**Имзои Мирзорахимов Н.Т.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Хадамоти кадрии**
**ҶСК «Ориёнбонк»** **Маҳмудов Б.А.**

*Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 95/1*
*Телефон: +992 918 949049*
*Почтаи электронӣ: nemat@list.ru*